ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 06.10.2022, №15

Барои сазовор донистани Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 07 июли соли 2022, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ 20-уми майи соли 1969 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 1996 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм кардааст. Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул аст. Аз моҳи октябри соли 2011 то ин замон дар вазифаи сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор» фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики АМИТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ.

Муқарризони расмӣ: Муллоев Шариф Боқиевич – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва Раҳимҷон Хушдил – номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт». Муқарризони расмӣ ба диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илми филология, дотсент Мирзода З.Қ., эксперт – доктори илми филология, профессор

Муъминҷонов З., котиби илмии ҷаласа – омӯзгори калони Абдуллоева А.Н. ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология Низомӣ М.З. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ дар мавзуи «Нашрияи «Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқ собит менамоянд.

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Нурализода, Н.И. Нақши маориф дар таъсиси матбуоти миллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 296-301.

[2-М]. Нурализода, Н.И. Матбуоти соҳаи маориф дар шинохти муҳаққиқони тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (79). – С. 169-173.

[3-М]. Нурализода, Н.И. Инъикоси масоили таълиму тарбия дар матбуоти соҳавӣ (дар мисоли нашрияи «Барои маорифи коммунистӣ» солҳои 1932-1938 (ҳоло «Омӯзгор») // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 268-273.

[4-М]. Нурализода, Н.И. Нақши матбуоти соҳавӣ дар баррасии ду санади муҳимми соҳаи маориф // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.– №1 (34). – С. 9 – 14.

[5-М]. Нурализода, Н.И. Инъикоси навгониҳои соҳаи маориф дар қолаби жанрҳои хабарӣ // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – №4 (65). – С. 176-183.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод Саидмурод мусбат буда, як пешниҳод манзур шудааст:

1. Танҳо ба таври пешниҳод барои такмили таҳқиқ ба муаллиф метавон гуфт, ки агар дар фасли сеюми боби сеюм ҳамаи жанрҳои публитсистию бадеӣ мавриди пажуҳиш қарор мегирифт, диссертатсия боз ҳам фарогиртар мешуд.

2. Тақризи номзади илми филология, декани факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдураҳимов Бахтиёр Абудраҳимович низ мусбат буда, дар он ду эрод ба назар мерасад:

1. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ дигар нашрияҳои соҳавиро барои муқоиса таҳқиқу таҳлил ва вижагиҳои онҳоро низ мушаххас менамуд.

2. Ҳангоми таҳлили жанрҳои публитсистӣ аз адабиёти илмии зиёд истифода кардааст ва баҳри тақвияти андешаҳояш иқтибосот овардааст, ки аз омӯзиши васеи муҳаққиқ шаҳодат медиҳад. Дар заминаи онҳо агар андешаҳои худро бештар меовард, бамаврид мешуд.

3. **Дар тақризи** номзади илми филология, дотсент мудири кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шарипов Сангимурод Исматуллоевич дастовардҳои довталаб ва мубрамии мавзуи таҳқиқ зикр шуда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Муҳаққиқ ҳангоми пажӯҳиш аз муҳаққиқони рус ном бурдааст, вале ҳангоми овардани иқтибос дар автореферат аз онҳо кам истифода кардааст ва бештар ба пажӯҳишгарони тоҷик такя кардааст. Овардани иқтибоси бештар аз муҳаққиқони рус ҷанбаи илмии автореферат ро тақвият мебахшид.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм расид.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- таъсири вазъи иҷтимоию сиёсии давр ба низоми ташаккули нашрия **муайян карда шудааст;**
- заминаҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Омӯзгор» **таҳқиқу баррасӣ гардидааст**;
- сохтори нашрия бо назардошти шаклу намо, рубрикаву сарлавҳаҳо, истифодаи ҳуруф, сурат ва вижагиҳои дигар **таҳқиқ ва муайян гардидаанд;**
- тарзу василаи истифодаи жанрҳои ахбориву таҳлилӣ дар инъикоси масъалаҳои маориф **исбот шудаанд;**

– истифодаи жанрҳои публитсистию бадеӣ ва таносуби онҳо дар нашрия **коркард ва муайян шудаанд**;
– вазъи нашрия дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ **баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки матолиби диссертатсия ва дастовардҳои илмии он донишҳои назариро доир ба шинохт ва арзёбии рисолати рӯзноманигорӣ, вижагиҳои таърихӣ, хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ, усулҳои рӯзномасозӣ пурра менамояд. Ҳамчунин, ин кори таҳқиқӣ ҳангоми навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи таъйинот ва вижагиҳои матбуоти даврӣ ва амсоли инҳо судманд буда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Е.П. Прохоров, В.М. Горохов, В. Ворошилов, М.Н. Ким, А.А. Тертичний, И.К. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М.С. Имомзода, П. Гулмуродзода, Н. Солеҳов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Муқимов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, С. Гулов, А. Қутбиддинов ва дигарон дар ҳалли масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз **методҳои** анъанавии муқоисавию таърихӣ, оморӣ ва таҳлили сохторӣ **истифода шудааст.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки мундариҷаи диссертатсияро ҳамчун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи рисолаву китобҳои дарсӣ, таҳияи васоити таълимӣ ва машғулиятҳои амалии журналистика метавон истифода кард. Хулосаҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии баррасигардида дар раванди тадриси фанҳои таърих ва назарияи рӯзноманигорӣ, фанҳои интихобӣ, аз ҷумла, матбуоти соҳавӣ аз аҳаммият холӣ набуда, илова бар ин, ба рӯзноманигорон, муҳаққиқони соҳа дар заминаи дарёфт ва корбасти маводи илмиву таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи донишмандони маъруфи соҳавӣ, хосса, доир ба назарияи жанрҳои публитсистикаи хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоди интишороти муаллиф оид ба мавзуъ ва интихоби усули таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ҷамъоварии маводи зарурӣ, дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ба

таври мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назарияҳои публитсистикашиносии олимони ватанию хориҷӣ, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърӯзаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси усулҳои маъмулии баррасии маводу матолиби матбуоти даврӣ, махсусан, нашрияи «Омӯзгор» мавзуъ ва масоили меҳвариро ба таҳлилу таҳқиқ фаро гирифта, натиҷаҳои бадастомадаро бо низоми муайян ҷамъбаст кардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06 октябри соли 2022 оид ба сазовор донистани Нурализода Ноилшоҳ Имомалӣ ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла, 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.
06.10.2022